# ҚАРОРИ
# ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «01» августи соли 2014 № 507 ш. Душанбе

## ДАР БОРАИ ТАСДИҚИ КАДАСТРИ ДАВЛАТИИ МАҲФУЗГОҲҲОИ ПАРТОВҲОИ РАДИОАКТИВӢ

Мутобиқи моддаҳои 5 ва 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муомилот бо партовҳои радиоактивӣ» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

Кадастри давлатии маҳфузгоҳҳои партовҳои радиоактивӣ замимагашта тасдиқ карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ Раҳмон**

Бо Қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «01» августи соли 2014
№ 507 тасдиқ шудааст.

# КАДАСТРИ ДАВЛАТИИ МАҲФУЗГОҲҲОИ ПАРТОВҲОИ РАДИОАКТИВӢ

1.Кадастри давлатии маҳфузгоҳҳои партовҳои радиоактивӣ (манбаъд - кадастр) – ин махзани маълумоти ба тартибдаровардашуда дар бораи объектҳои барои нигоҳдорӣ ё гӯронидани партовҳои радиоактивӣ таъиншуда, инчунин ҷойҳои нигоҳдории мувақаттии партовҳои радиоактивӣ ва дар бораи макони ҷойгиршавӣ, хусусияти миқдорӣ ва сифатӣ, низоми назорат ва мониторинги маҳфузгоҳҳои партовҳои радиоактивӣ ва шароити маҳфуздорӣ ё гӯронидани партовҳои радиоактивӣ мебошад.

2.Кадастр дар доираи бақайдгирии давлатии партовҳои радиоактивӣ таъсис дода шуда, бо мақсади таъмин намудани назорати фаврӣ аз болои ҷойгиршавӣ ва ҷойивазкунии партовҳои радиоактивӣ, шароитҳои нигоҳдорӣ ва гӯронидани онҳо ва истифодабарии тавоноии мавҷудбуда оид ба нигоҳдории партовҳои радиоактивӣ бурда мешавад.

3.Таъсис, ташкили бурдани кадастр ва бурдани кадастр ба зиммаи Агентии амнияти ядроӣ ва радиатсионии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта мешавад.

4.Кадастр дар асоси варақаҳои бақайдгирие (намуна замима мегардад), ки аз ҷониби соҳибони маҳфузгоҳҳои партовҳои радиоактивӣ ва ҷойҳои нигоҳдории мувақаттии партовҳои радиоактивӣ пур карда мешавад ва ҳар сол ба Агентии амнияти ядроӣ ва радиатсионии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда мешаванд, бурда мешавад. Барои пур кардани варақаҳои

бақайдгирӣ, инчунин иловакунии минбаъда ба онҳо ва азнавкунии онҳо маълумотҳои Феҳристи давлатии партовҳои радиоактивӣ истифода мешаванд. Тағйирот ва иловаҳо ба варақаҳои бақайдгирӣ мунтазам зимни пайдо шудани маълумотҳои нав бо нигоҳдоштани маълумотҳои пешина ворид карда мешаванд.

5.Агентии амнияти ядроӣ ва радиатсионии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дурустии маълумотҳои дар варақаи бақайдгирии маҳфузгоҳи партовҳои радиоактивӣ (ҷойҳои нигоҳдории муваққаттии партовҳои радиоактивӣ) мавҷудбуда, риояи талаботҳои бехатарии радиатсионӣ ва муҳофизати ҷисмӣ дар маҳфузгоҳҳои партовҳои радиоактивӣ (ҷойҳои нигоҳдории муваққаттии партовҳои радиоактивӣ) санҷишҳо мегузаронад.

6.Оид ба масъалаи бурдани кадастр Агентии амнияти ядроӣ ва радиатсионии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол ҳисобот тартиб медиҳад, ки на дертар аз 28 феврали соли минбаъда, пас аз соли ҳисоботӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

7.Агентии амнияти ядроӣ ва радиатсионии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз кадастр маълумотҳоро ба мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи муомилот бо партовҳои радиоактивӣ ва ба дигар мақомотҳои ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни дархост, инчунин ба ташкилотҳои байналмилалӣ ва дигар давлатҳо тибқи созиш-номаҳои имзокардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш-ниҳод менамояд.

8.Ҳуҷҷатнигории кадастр бемӯҳлат нигоҳ дошта мешавад.

9.Шахсоне, ки тартиби бурдани кадастрро вайрон мекунанд (беасос рад кардан аз пешниҳод намудани маълумот ё пешниҳод намудани маълумоти нодуруст, бемаврид пешниҳод намудани маълумот ё пинҳонкунии

он, вайрон намудани тартиби нигоҳ доштани маълумот, қасдан нобуд кардани маълумот), мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шаванд.

10.Агентии амнияти ядроӣ ва радиатсионии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муҳофизат ва пуррагии маълумотҳои кадастри давлатии маҳфузгоҳҳои партовҳои радиоактивӣ масъул мебошад.

**Замима** ба Кадастри давлатии
Маҳфузгоҳҳои партовҳои радиоактивӣ

# ВАРАҚАИ БАҚАЙДГИРИИ
## Маҳфузгоҳи (ҷойи нигоҳдории муваққатии) партовҳои радиоактивӣ

1. Тавсифи умумии маҳфузгоҳи (ҷойи нигоҳдории муваққатии) партовҳои радиоактивӣ: рақам, номи маҳфузгоҳ (ҷойи нигоҳдории муваққатӣ), таърихи рӯзи ба кадастр воридкунӣ ______________________________________________ ҷойгиршавии маҳфузгоҳ/нигоҳдории муваққатӣ (вилоят, ноҳия, нуқтаи аҳолинишин) _______________________ ном ва суроғаи корхона – соҳиби маҳфузгоҳ (ҷойи нигоҳдории муваққатии) ___________________________________________иҷозатнома барои гузаронидани корҳо (рақам, таърихи рӯзи додан ва ба итмом расидани амали он, аз тарафи кӣ дода шудааст)_______________________________________номи ташкилоте, ки хизмат мерасонад ____________________ суроғаи пурраи ташкилоте, ки хизмат мерасонад (вилоят, ноҳия, нуқтаи аҳолинишин, кӯча, рақами хона) __________________________ ному насаб, номи падар, рақами телефон, почтаи электронии шахси масъул оид ба хизматрасонӣ (гӯронидан ё нигоҳдории партовҳои радиоактивӣ) _______________________ маълумот дар бораи мавҷудияти ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ дар маҳфузгоҳи (ҷойи нигоҳдории муваққатии) партовҳои радиоактивӣ бо нишондоди сабаб ҳангоми набудани он ________________________________масоҳат/андозаи майдончаи замини ҷудошуда, м$^2$ ____________________________таъиноти маҳфузгоҳ / ҷойи нигоҳдории муваққатии партовҳои радиоактивӣ (қабул, нигоҳдорӣ, нигоҳдории муваққатӣ ва ғайра партовҳои радиоактивӣ, манбаъҳои афканишоти иондоркунанда, партовҳои баландфаъол ва ғайра)________________________ намуди маҳфузгоҳ (наздирӯизаминӣ, зеризаминӣ, намуди чоҳшакл ва ғайра) _______________________ҷудокунӣ (изолятсия) аз муҳити зист (оҳанбетони монолитӣ бо ҷудокунии (изолятсияи) берунаи битумӣ, гили зичкардашуда, бо навори полиэтиленӣ рӯйпӯшкардашуда, чоҳ аз

қубурҳои металлӣ бо сарпӯш, зарфи силиндршакл аз пӯлоди зангназананда ва ғайра)_____________________андозаи маҳфузгоҳ:

дарозӣ (X), м ______________________________________

бар (Y), м __________________________________________

чуқурӣ/баландӣ (H), м ______________________________

масоҳати ишғолкардаи маҳфузгоҳ (S), м² _____________

ҳаҷм (S), м³ ________________________________________

барои маҳфузгоҳи намуди чоҳӣ:

чуқурии умумӣ (hз), м ____________________________

баландии қисми кории маҳфузгоҳ (Hp), м _____________

қутри (диаметри) қисми кории маҳфузгоҳ (Dp), м _____

ҳаҷми қисми кории маҳфузгоҳ (Vp), м³ ______________

сатҳи камтарини (минималии) обҳои зеризаминӣ аз қаъри маҳфузгоҳ (H), м _____________

низоми истифодабарӣ (гӯронидан, нигоҳдории партовҳои радиоактивӣ, маҳфузгоҳи консерватсияшуда) ____________________________________________________________

ҳолати техникии маҳфузгоҳ тибқи хулосаи санади тафтиш № _______ аз _______________ соли 20__ (қаноатбахш-қобили истифода, ғайриқаноатбахш – қисман қобили истифода, садамавӣ - қобили истифода нест) __________________________

2.Тавсифи захиравии маҳфузгоҳи (ҷойи нигоҳдории муваққаттии) партовҳои радиоактивӣ: ғунҷоиши лоиҳавии маҳфузгоҳ:

ҳаҷм (V), м³ ________________________________________

фаъолнокӣ, Бк ____________________________________ тарзи нигоҳдорӣ (дар контейнерҳо, тӯда) ___________________ андозаи лоиҳавии маҳфузгоҳ:

дарозӣ (X), м ______________________________________

бар (Y), м __________________________________________

чуқурӣ/баландӣ (H), м ______________________________ барои маҳфузгоҳи чоҳшакл:

баландии қисми корӣ (Hp), м _______________________

диаметр (Dp), м ___________________________________ захираи ғунҷоиши маҳфузгоҳ:

ҳаҷм (V), м³ ________________________________________

фаъолнокӣ, Бк ______________________________________

3.Тавсифи умумии партовҳои радиоактивӣ: намуди фаъолият, ки дар натиҷаи он партовҳои ракдиоактивӣ ҳосил мешаванд (бартарафсозии садамаи радиатсионӣ, ба итмом расидани мӯҳлати хизмати манбаъҳои афканишоти иондоркунандаи пӯшида, гузаронидани корҳои дезактиватсионӣ ва ғайра)

___________________________________ ҳолати агрегатии партовҳои радиоактивӣ (сахт, моеъ) ____________________ таркиби партовҳои радиоактивӣ (манбаъҳои афканишоти иондоркунандаи пӯшидаи мӯҳлати хизматашон баитмомрасида, партови сохтмонӣ, хок ва ғайра) _________________________________________________________ категорияи партовҳои радиоактивӣ аз рӯи фаъолнокии хос (паст, миёна ва баландфаъол) ______________________________ массаи партовҳои радиоактивӣ, кг _________________________, азҷумла массаи манбаъҳои афканишоти иондоркунандаи пӯшидаи мӯҳлати хизматашон баитмомрасида, кг _______________________________миқдори манбаъҳои афканишоти иондоркунандаи пӯшидаи мӯҳлати хизматашон баитмомрасида, воҳид ____________________________ ҳаҷми партовҳои радиоактивӣ, $м^3$ _________________________ фаъолнокии партовҳои радиоактивӣ, Бк ____________________ аз ҷумла фаъолнокии манбаъҳои афканишоти иондоркунандаи пӯшидаи мӯҳлати хизматашон баитмомрасида, Бк ___________________________ миқдори воридшавии солонаи миёнаи партовҳои радиоактивӣ, т _________________________миқдори воридшавии солонаи миёнаи манбаъҳои афканишоти иондоркунандаи пӯшидаи мӯҳлати хизматашон баитмомрасида, воҳид ____________________________________

4.Таркиби нуклидии маҳфузгоҳ: номи нуклидҳо ва фаъолнокии онҳо (дар лаҳзаи дархост)

Нуклидҳо

Даври нимкоҳиш

Фаъолнокӣ дар таърихи ___________ соли 20__ , Бк

миқдори U-238 + U-235, кг _______________________

аз ҷумла U-235, кг _______________________________

5.Тавсифи экологии мавҷудияти низоми назорат ва мониторинги вазъи радиатсионӣ дар минтақаи ҷойгиршавии маҳфузгоҳ (ном, навъ, намуди низом, мавҷудияти чоҳҳои назоратӣ аз болои низоми обҳои зеризаминӣ, чоҳҳои радиометрӣ, чоҳҳо барои гирифтани намунаи хок, зарфҳо барои ҷамъ намудани боришоти атмосферӣ ва ғайра) _________________________________________________________

тавоноии дозаи муодили максималӣ дар масофаи 1 м аз сатҳи маҳфузгоҳ, мкЗв/соат дар таърихи _______________ соли 20 __ _

6.Мӯҳлати нақшавии пуршавии маҳфузгоҳ, моҳ ______

7.Мӯҳлати нақшавии нигоҳдории партовҳои радиоактивӣ (бо хизматрасонии маҳфузгоҳ ё назорати ҷои гӯронида), моҳ/сол _______________________________________________________________________
_________________ (вазифа, ному насаб, номи падари шахсе, ки варақаро пур мекунад) ________________________________________________________

__________ ______________ соли 20 __.
(имзо)